**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Атаев Акмалхон Саидумарович дар мавзуи «Институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

Мавзуи диссертатсияи Атаев Акмалхон Саидумарович ба яке аз мушкилоти мубрами назария ва амалияи ҳуқуқи гражданӣ бахшида шудааст. Унвонҷӯ мавзуро дар сатҳи баланди илмӣ таҳлил намудааст, ки натиҷаҳои бадастовардааш барои рушд ва такмили қонунгузории соҳа ва низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ хеле судманд мебошанд. Таҳқиқоти мазкур имкон додааст, ки як қатор муқаррарот, таклифу тавсияҳои нав ҷиҳати мукаммалгардонии минбаъдаи қонунгузорӣ оид ба пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ, алахусус идоракунии биноҳои бисёрхонагӣ, таъмини захираҳои коммуналӣ ба монанди нерӯи барқ ва гармӣ тавсия шаванд. Ҳамзамон дар рисола мафҳумҳои нави илмӣ низ пешниҳод гардидааст.

Бартарияти дигари таҳқиқоти анҷомдодашуда дар он аст, ки он на танҳо бо таҳлилҳои назариявӣ ва илмии мавҷуда, балки таҷриба ва дастовардҳои амалия такя менамояд. Таҳлилҳои амиқи илмӣ, асосноксозии нуктаҳои илмӣ бо ғояву афкори олимони варзидаи ватанӣ ва хориҷӣ, такя ба амалия ва ғайра имконият додаанд, ки мавзӯи таҳқиқот хуб анҷом дода шавад. Илова бар ин, то имрӯз масъалаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор нагирифтааст.

Онҳо сатҳи кофии навгонии илмӣ дошта, аз саҳми муаллиф дар таҳқиқи институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ далолат мекунанд. Бар замми ин, дар бобҳо ва зербобҳои диссертатсия ақидаҳо ва хулосаҳои муаллиф пешниҳод карда мешаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии онҳо дар хулосаи диссертатсия ифодаи худро ёфтаанд.

Бояд қайд намуд, ки барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда унвонҷӯ вазифаҳои зеринро дар назди худ гузоштааст:

– дар асоси омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқӣ, адабиёти илмӣ таҳлил кардани маҷмӯи масъалаҳои танзими ҳуқуқии хизматрасонии коммуналӣ, таҳқиқ кардани мафҳуми хизматрасонии коммуналӣ ҳамчун объекти махсуси ҳуқуқҳои маданӣ;

– муайян ва таҳлил намудани аломатҳо ва таснифоти хизматрасонии коммуналӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои маданӣ;

– таҳлили манбаҳои танзими ҳуқуқии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ;

– муайян намудани хусусиятҳои танзими шартномавии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ;

– шарҳ додани тавсифи умумӣ ва таснифи шартномаҳои хизматрасонии манзилӣ-коммуналӣ;

– таҳлили шартномаи идоракунии биноҳои бисёрхонагӣ ва муайян кардани мавқеи он дар низоми шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ва манзилӣ-ҳуқуқӣ;

– таҳлили шартномаи таъминоти барқ ва гармӣ ба аҳолӣ ва муайян намудани мавқеи онҳо дар низоми шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ;

– коркард ва пешниҳод кардани тавсияҳо, таклифу пешниҳодот баҳри мукаммал гардонидани институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ.

**Объекти таҳқиқот** – муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқии дар соҳаи пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ бавуҷудомадаи аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ баррасишаванда.

**Предмети таҳқиқотро** меъёрҳои қонунгузории амалкунанда дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ, инчунин таҷрибаи татбиқи онҳо ва асарҳои илмии ба масъалаҳои умумии шартномаҳои пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ бахшидашуда ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки он яке аз таҳқиқотҳои аввалин дар мавзӯи асосҳои маданӣ-ҳуқуқии пешниҳоди хизматарсонии коммуналӣ мебошад. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ як қатор муқаррарот, таклифу тавсияҳои нав ҷиҳати мукаммалгардонии минбаъдаи қонунгузорӣ оид ба пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ, алахусус идоракунии биноҳои бисёрхонагӣ, таъмини захираҳои коммуналӣ ба монанди нерӯи барқ ва гармӣ пешниҳод шудаанд.

Бисёрпаҳлугии муаммоҳои дар ҷараёни пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ бароянддаро ба назар гирифта, муаллиф ҳаракат кардааст бештар масъалаҳои мубрами то имрӯз баҳои дурусти назариявӣ ва танзими ҳуқуқии назаррас қабулнакардаро таҳқиқ намояд.

**Асоси методологии таҳқиқотро** методи диалектикии дарккунии воқеият ҳамчун усули асосии омӯзиши объективӣ ва маҷмӯии соҳаи муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ ташкил медиҳад. Дар диссертатсия чунин методҳои таҳқиқот истифода шудаанд, ба монанди: расмӣ-мантиқӣ (индуксия, дедуксия, таҳлил, синтез, фарзия, айният); методи низомӣ-сохторӣ дар раванди тавсифдиҳии унсурҳои асосии ҳуқуқии хизматрасониҳои коммуналӣ ва натиҷаҳои онҳо истифода шудааст; методи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ барои шарҳ додани дурнамои танзими ҳуқуқии таъмини нерӯи барқ ба аҳолӣ имкон додааст; методи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ дар раванди нишон додани шартҳои муҳими шартномаҳо дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ истифода шудааст.

**Асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсияро** асарҳои олимони ҶТ, Федератсияи Россия ва давлатҳои дигар, ки ба масъалаҳои умумии танзими ҳуқуқии муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии манзилӣ-коммуналӣ бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Манбаи асосии таҳқиқот корҳои илмии муаллифони ватанию хориҷӣ дар бахши ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи энергетикӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ ба ҳисоб мераванд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он инъикос мегардад, ки хулоса ва муқарраротҳои дар он қайдшударо метавон дар тадқиқотҳои минбаъда дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ, алалхусус танзими шартномавӣ-ҳуқуқии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ истифода намуд. Тавсия ва таклифҳои дар таҳқиқот пешниҳодшударо ба мақсади такмил додан ва мукаммал намудани қонунгузории ҶТ дар соҳаи пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ истифода намудан мумкин аст; натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ барои мақомотҳои ҳуқуқтатбиқкунанда ҳангоми баррасии баҳсҳои аз шартномаҳои пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ бароянда муфид хоҳанд гашт.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ карда мешавад. Муаллифи диссертатсия доир ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ 8 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсия намудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Хулоса, натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар маводи нашргашта инъикос ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳои илмӣ-амалии зерин дар шакли маърузаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд:

– конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон ДДҲБСТ таҳти унвони «Илм ва инноватсия баҳри иҷрои ҳадафҳои илмӣ» – маъруза дар мавзуи: «Оид ба мафҳум ва таркиби шартномаи пардохти ман-зили истиқоматӣ» Хуҷанд, 2019;

– конференсияи анъанавии илмӣ-амалии донишгоҳии «Рушди фан¬ҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми та-шаккуёбии иқтисодиёти рақамӣ» – маъруза дар мавзуи: «Моҳи-яти назариявӣ-ҳуқуқии хизматрасонии коммуналӣ». Хуҷанд, 2020;

– конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони «Рушди илм ва инноватсия дар шароити рақамикунонӣ», ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи илми тоҷик ва 30-солагии ДДҲБСТ. – маъруза дар мавзуи: «Ман-баъҳои танзими ҳуқуқии пешниҳоди хизматрасонии комму-налӣ». Хуҷанд, 2023;

Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Муаллиф қобилияти фаъолияти мустақилонаи илмӣ - эҷодӣ, таҳлили ҳаматарафа ва танқидии нуктаҳои назари илмӣ, асоснок намудани ақида ва мавқеи хешро дорад. Ҳамаи ин имконият додааст, ки таҳқиқоти рисолаи илмӣ ҳаматарафа ва пурра анҷом дода шавад. Бо назардошти гуфтаҳои боло, муҳиммияти мавзуъ ва таҳқиқоти анҷомдодашуда, рисолаи илмии Атаев Акмалхон Саидумаровичро таҳқиқоти комил, хотимаёфта ва ҷавобгӯ ба талаботи мавҷуда ҷиҳати таҳияи рисолаҳои илмӣ мешуморам, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи

граждани̅, ҳуқуқи соҳибкори̅, ҳуқуқи оилави̅, ҳуқуқи байналмилалии хусуси̅ (илмҳои ҳуқуқшиноси̅) сазовор аст.

**Роҳбари илми̅,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиноси̅, профессор,
Раиси комиссияи Дастур ва ташкили кори
Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Муртазозода Ҷ.С.

Суроға: 734021, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудаки̅ 42
Тел.: (+992) 918560707

Имзои Ҷ.С. Муртазозодаро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КМ МнМО ҶТ Сафарзода Ф.С.
24.12.2024